***“Комсомоли Тоҷикистон”***
***№ 108 (5196), чоршанбе***
***9 сентябри 1970, саҳ. 3***

БА ПЕШВОЗИ 2500-СОЛАГИИ САМАРҚАНД

# СУХАНВАРОНИ САМАРҚАНД

Самарқанд - шаҳри бостониест, ки дар синаи пурфайзи он садҳо адибону олимон, санъаткорону котибон парвариш ёфта, дар пешрафти илму тамаддуни ҷаҳон ва махсусан халқи тоҷик саҳми гаронбаҳое гузоштаанд.

Мутаассифона, то кунун аҳвол ва осори фарзандони хирадманди ин диёр пурра омухта нашудаанд, дар ин масъала алҳол маҷмуае низ нашр нагардидааст, ки аз хусуси шахсияти самарқандиён мухтасаран нақл мекарда бошад.

Ҳоло садҳо донишмандону адибон зери пардаи фаромушӣ хуфтаанд, ки ворисони онҳо аз осорашон дуруст хабар надоранд.

Мо ҳангоми мутолиаи баъзе манбаъҳои адабиёти тоҷику форс бо намунаҳои эҷодиёти чанд нафар шоирони аслан самарқандӣ дучор омадем. Ин ҷо танҳо аз се тазкира - «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Сом Мирзо, «Рӯзи равшан»-и Музаффар Ҳусайни Сабо қисме аз адибони самарқандиро интихоб карда, порчаҳои шеъриашонро ба диққати хонандагони гиромӣ пешкаш хоҳем кард.

Асарҳои машҳури Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) - Тазкират-уш-шуаро», Сом Мирзо (асри XVI) - «Туҳфаи Сомӣ», ки ҳамчун манбаъ барои омӯхтани таърихи адабиётамон аҳамияти калоне доранд, ба хонандагони муосир каму беш шиносанд. Муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан» Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн буда, дар асри XIX зиндагӣ карда бо тахаллуси «Сабо» эҷод намудааст. Музаффар Ҳусайни Сабо тазкираи мазкури худро дар

соли 1296 ҳиҷрии қамарӣ (соли 1879 мелодӣ) таълиф намуда, дар он дар бораи 2410 нафар шоирони тоҷикзабони давраҳои мухталиф маълумот дода, намунаҳои эҷодиёташонро зикр намудааст. “Рӯзи равшан” бори нахуст дар чопхонаи Шоҳиҷаҳони Бҳопал соли 1297 (соли 1880 мелодӣ) ва бори дигар ба саъю кушиши Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият дар Теҳрон соли 1343 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1924 мелодӣ) ба табъ расидааст.

Дар бораи шаклу маънӣ, мазмуни баланд, образҳои шеърии намунаҳои зайл чизе илова намуданро лозим надонистем, то ки ба ин ҷиҳатҳои масъала худи хонандагони нозуксанҷ таваҷҷуҳ фармоянд.

Ҳоло мо аз ашъори чанде аз шоирон, ки дар тазкираҳои номбурда зикр шудаанд, баъзе намунаҳо меорем.

***Оишаи Самарқандӣ***

**РУБОӢ**

*Ашке, ки ба рӯям аз ғамат ғалтидаст,*
*Дар гӯш ниҳодаӣ, ки марворид аст.*
*Берун кунаш аз гӯш, ки бадномии туст,*
*К-он бар рухи ман тамоми олам дидааст.*
(Музаффар Ҳусайни Сабо, «Рӯзи равшан»,
Теҳрон, 1343, саҳ. 520).

***Ҷамолиддин Атиқии Самарқандӣ***

**РУБОӢ**

*Як дам набувад, ки дардам афзун накунӣ!*
*Чун одату хӯят ин бувад, чун накунӣ?!*
*Дилдории ман яқин, ки дар дил дорӣ,*

*Аммо накунӣ, то ҷигарам, хун накунӣ!*
(«Рӯзи равшан», саҳ. 535).

**Олими Самарқандӣ**

**БАЙТ**
*Мо сияҳбахтему бадрӯзему хирман сӯхта,*
*Шамъи мақсуде ба умри худ шабе н-афрӯхта.*
(Рӯзи равшан», саҳ. 516).

**Бадеии Самарқандӣ**

**БАЙТ**
*Зи шавқи васли ту бар лаб расида ҷоне ҳаст,*
*Васиятест, биё, то маро забоне ҳаст!*
(«Рӯзи равшан», саҳ. 103).

**Бақоии Самарқандӣ**

**БАЙТ**
*Ҷуз қатли ошиқон набувад ҳеҷ кори ту,*
*Эй ман ҳалоки ғамзаи мардумшикори ту!*
(«Рӯзи равшан», саҳ. 123).

**Ҳасан Ашрафия Самарқандӣ**

**БАҲОРИЯ**
*Соқиё, субҳ аст, дардеҳ чун лабат ҷоми шароб!*
*Раҳм кун бар ҷони ман, магзор з-ин пас дар сароб!*
*То ба саъйи ҷоми май чун шамъ пеши рӯи ёр,*

*Як замон бар худ бигирям, баъд аз он гардам хароб...*

*Лӯъбатони боғ, гӯӣ, дилбарони ҷаннатанд,*
*Даст пур банди мурассаъ, гӯш пур дурри хушоб.*
*Дар бари лола назири кисвати Нушервон,*
*Бар сари гулбун нишони афсари Афросиёб....*
(«Рӯзи равшан», саҳ. 202-203).

**_Дардии Самарқандӣ_**

**БАЙТ**
*Мурғи рӯҳи худ аз он дар қафаси тан дорам,*
*Ки ба гирди ту бигардонаму озод кунам.*
(Рӯзи равшан», саҳ 258).

**_Расмии Самарқандӣ_**

**БАЙТ**
*Дило, як дам агар бо ёр биншиниву бархезӣ,*
*Миёни хун чу ман бисёр биншиниву бархезӣ.*
(«Рӯзи равшан» саҳ. 291).

**_Субҳии Самарқандӣ_**

**БАЙТ**
*Аз оҳ сӯхт хонаам, эй моҳ, чун кунам?*
*Дигар ба хонаи кӣ равам? Оҳ, чун кунам?*
(«Рӯзи равшан» саҳ. 470).

**_Уммони Самарқандӣ_**

**БАЙТ**

*Овард шабе ҷазбаи сунбул сӯи боғаш,*
*Дар ҳар кадаме лола ба раҳ дошт чароғаш.*
(«Рӯзи равшан» саҳ. 569).

**_Ашрафии Самарқандӣ_**

**ҚИТЪА**

*Ҷон зи чашмат амон намеёбад,*
*Дил зи васлат нишон намеёбад.*
*Аз лабат бӯса ёфтан саҳл аст,*
*Ваҳм роҳи даҳон намеёбад.*
(«Рӯзи равшан», саҳ. 53).

*Ба чоп ҳозиркунанда, Раҳими Қубодиёнӣ*

„Комсомоли Ўзбекистон"
№108 (5196), чоршанбе 9 сентябри соли 1970, саҳ. 3

БА ПЕШВОЗИ 2500-СОЛАГИИ САМАРҚАНД

# СУХАНВАРОНИ САМАРҚАНД

Самарқанд — шаҳри бостониест, ки дар синаи пурфайзи он садҳо адибону олимон, санъаткорону котибон парвариш ёфта, дар пешрафти илму тамаддуни ҷаҳон ва махсусан халқи тоҷик саҳми гаронбаҳое гузоштаанд.

Мутаассифона, то кунун аҳвол ва осори фарзандони хирадманди ин диёр пурра омӯхта нашудаанд, дар ин масъала алҳол маҷмӯае низ нашр нагардидааст, ки аз хусуси шахсияти самарқандиён мухтасаран нақл мекарда бошад.

Ҳоло садҳо донишмандону адибон зери пардаи фаромӯшӣ хуфтаанд, ки ворисони онҳо аз осорашон дуруст хабар надоранд.

Мо ҳангоми мутолиаи баъзе манбаъҳои адибиёти тоҷику форс бо намунаҳои эҷодиёти чанд нафар шоирони аслан самарқандӣ дучор омадем. Ин ҷо танҳо аз се тазкира — «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Сом Мирзо, «Рӯзи равшан»-и Музаффар Ҳусайни Сабо қисме аз адибони самарқандиро интихоб карда, порчаҳои шеъриашонро ба диққати хонандагони гиромӣ пешкаш хоҳем кард.

Асарҳои машҳури Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) — «Тазкират-уш-шуаро», Сом Мирзо (асри XV1) — «Тӯҳфаи Сомӣ», ки ҳамчун манбаъ барои омӯхтани таърихи адабиётамон аҳамияти калоне доранд, ба хонандагони муосир каму беш шиносанд. Муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан» Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн буда, дар асри XIX зиндагӣ карда бо тахаллуси «Сабо» эҷод намудааст. Музаффар Ҳусайни Сабо тазкираи мазкури худро дар соли 1296 ҳиҷрии қамарӣ (соли 1879 мелодӣ) таълиф намуда, дар он дар бораи 2410 нафар шоирони тоҷикзабони давраҳои мухталиф маълумот дода, намунаҳои эҷодиёташонро зикр намудааст. «Рӯзи равшан» бори нахуст дар чопхонаи Шоҳиҷаҳонии Баҳупол соли 1297 (соли 1880 мелодӣ) ва бори дигар ба саъю кӯшиши Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият дар Теҳрон соли 1343 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1924 мелодӣ) ба табъ расидааст.

Дар бораи шаклу маънӣ, мазмуни баланд, образҳои шеърии намунаҳои зайл чизе илова намуданро лозим надонистем, то ки ба ин ҷиҳатҳои масъала худи хонандагони позуксанҷ таваҷҷӯҳ фармоянд.

Ҳоло мо аз ашъори чанде аз шоирон, ки дар тазкираҳои номбурда зикр шудаанд, баъзе намунаҳо меорем.

**Оишаи Самарқандӣ**

**РУБОӢ**

Ашке, ки ба рӯям аз ғамат ғалтидаст,
Дар гӯш ниҳодай, ки марворид аст.
Берун кунаш аз гӯш, ки бадномии туст,
К-он бар рухи ман тамоми олам дидааст.

(Музаффар Ҳусайни Сабо, «Рӯзи равшан» Теҳрон, 1343, саҳ. 520).

**Ҷамолиддин Атиқии Самарқандӣ.**

**РУБОӢ**

Як дам набувад, ки дардам афзун накунӣ!
Чун одату хӯят ин бувад, чун накунӣ?!
Дилдории ман яқин, ки дар дил дорӣ,
Аммо накунӣ, то ҷигарам, хун накунӣ!

(«Рӯзи равшан», саҳ. 535).

* * *

**Олими Самарқандӣ.**

БАЙТ

Мо сияхбахтему бадрўзему хирман сўхта,
Шамъи мақсуде ба умри худ шабе н-афрўхта.

(Рўзи равшан», саҳ. 516).

* * *

Бадеии Самарқандӣ.

БАЙТ

Зи шавқи васли ту бар лаб расида чоне ҳаст,
Васиятест, биё, то маро забоне хаст!

(«Рўзи равшан», саҳ. 103).

* * *

Бақоии Самарқандӣ

БАЙТ

Ҷуз қатли ошиқон набувад ҳеҷ кори ту,
Эй ман ҳалоки ғамзаи мардумшикори ту!

* * *

(«Рўзи равшан», саҳ. 123).

Ҳасан Ашрафии Самарқандӣ

БАҲОРИЯ

Соқиё, субҳ аст, дардеҳ чун лабат ҷоми шароб!
Раҳм кун бар ҷони ман, магзор з-ин пас дар сароб!
То ба саъйи ҷоми май чун шамъ пеши рўи ёр,
Як замон бар худ бигирьям, баъд аз он гардам хароб...

Лўъбатони боғ, гўй, дилбарони ҷаннатанд,
Даст пур банди мурассаъ, гўш пур дурри хушоб.
Дар бари лола назири кисвати Нўшервон,
Бар сари гулбун нишони афсари Афросиёб...

(«Рўзи равшан», саҳ. 202—203).

* * *

Дардии Самарқандӣ.

БАЙТ

Мурғи рўҳи худ аз он дар қафаси тан дорам,
Ки ба гирди ту бигардонаму озод кунам.

(Рўзи равшан», саҳ. 258).

* * *

Расмии Самарқандӣ.

БАЙТ

Дило, як дам агар бо ёр биншиниву бархезӣ,
Миёни хун чу ман бисёр биншиниву бархезӣ.

(«Рўзи равшан» саҳ. 291).

* * *

Субҳии Самарқандӣ.

БАЙТ

Аз оҳ сўхт хонаам, эй моҳ, чун кунам?
Дигар ба хонаи кӣ равам? Оҳ, чун кунам?

(«Рўзи равшан» саҳ. 470).

* * *

Уммони Самарқандӣ.

БАЙТ

Овард шабе ҷазбаи сунбул сўи боғаш,
Дар ҳар қадаме лола ба раҳ дошт чароғаш.

(«Рўзи равшан» саҳ. 569).

* * *

Ашрафии Самарқандӣ.

ҚИТЪА

Ҷон зи чашмат амон намеёбад,
Дил зи васлат нишон намеёбад.
Аз лабат бўса ёфтан сахл аст,
Ваҳм роҳи даҳон намеёбад.

(«Рўзи равшан», саҳ. 53).

Ба чоп ҳозиркунанда
Раҳими Қубодиёнӣ.